*Бо ҳуқуқи даснавис*

**УДК: 622.692.4:620.197**

**КУЧАРОВ Маҳмадамин Сатторович**

# ТАЪСИРОТИ КОМПЛЕКСИИ ТАРКИБИ ИНГИБИРОНАНДА ДАР АСОСИ ҚАТРОНИ РАВҒАНИ РАСТАНӢ

**05.17.03- технологияи равандҳои электрохимиявӣ ва муҳофизат аз коррозия**

АВТОРЕФЕРАТИ
рисола барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои техникӣ

Душанбе -2019

Диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ» ва «Маводҳои ба коррозия устувор»-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои химия,
ходими калони илмӣ
**Усмонов Раҳматҷон**

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои химия, профессор,
академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Ғаниев Изатулло Наврузович**

**Муқарризони расмӣ:** доктори илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи «Химияи тадбиқӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Рӯзиев Ҷӯра Раҳимназарович**

номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Фанҳои табиӣ-илмӣ»-и Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия
**Бердиев Асадқул Эгамович**

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи илмӣ-давлатии «Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ»-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «12» июни соли 2019, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-007-и назди Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.
Суроға: 734063, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ-299/2
E-mail:z.r.obidob@rambler.ru

Бо матни пурраи диссертатсия метавонед дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи интернетии Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон www.chemisty.tj шинос шавед.

Автореферат санаи «____»_________соли 2019 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои химия, дотсент** **Обидов З.Р.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Масъалаҳи ҳалталаби вайрон шудани таҷҳизотҳои истихроҷи нафт (ТИН) ва қубурҳо яке аз вазифаҳои муҳими хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи мубориза бо вайроншавии ТИН дар кишварҳои ИДМ ва дар хориҷа аз он шаҳодат медиҳад, ки шароити гуногуншаклии вайроншавии фулузот (металл) дар маводҳои истихроҷшуда (оби минералӣ, нафт ва газ) ва обҳои шорида (ганда) мебошад. Ба суръати вайроншавии фулузот, ки барои сохтани ТИН истифода мегардад, таъсири муайянро таркиби муҳит ва мушкилотии технологӣ ба монанди коррозия, омилҳои таҳшиншави парафин ва намак ва реологӣ мерасонад.

Бо ин сабаб барои ҳифзи ТИН дар конҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маҷмӯи махзанҳои (конҳои) хурд бо таркиби гуногун ва хосияти физикӣ-химиявии нафт ва обҳои қабатиро дороянд реагентҳои намудҳои гуногун талаб карда мешавад. Гуногуншаклии ассортимент ва мушкилот ҳангоми интиқоли миқдори хурди реагентҳо аз минтақаҳои саноатӣ ва нигоҳдошти онҳо ба амал меояд онҳоро барои конҳои нафтӣ дастнорас менамояд. Барои ҳалли пурраи ин масъала коркарда баромадани таркиби амалиёти комплексӣ ингибиронанда (ТАКИ) бо истифодаи ашёҳои маҳаллӣ лозим меояд, ки он фулузотро (металл) аз коррозия ва дигар мушкилотҳои технологӣ, ки ҳангоми истихроҷи нафт дар як вакт ба амал меояд ҳифз кард.

Партовои коркарди равғани растани манбаи ассортименти бузурги моддаҳои органики мебошад. Ин мақсаднокии коркарда баромадани ТКТКИ дар асоси маводҳои иловаги саноатӣ муайян карда шуд. Бо ин сабаб таткиқоти хосиятҳои ингибитории партовҳо ва дар асоси онҳо ҳосил кардани ТАКИ ва муайянкунии вариантҳои имконпазири онҳо дар саноати нафт вазифаи муҳим мебошад.

**Мақсад таҳқиқот** коркарда баромадан асосҳои физикӣ-химиявии ҳосил кардани ТАКИ аз партовҳои саноатӣ коркарди равғани растанӣ ва реагентҳои саноатӣ, омӯзиши хосиятҳои онҳо ва таъсир онҳо ба хосиятҳои физикӣ-химиявии (коррозия, таҳшиншавӣ парафин ва намак, коагулятсия ва нафтронандагӣ) флюидҳои қабатии дар конҳои нафтӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

-таткиқи гузариши равандҳои вайроншавии коррозионӣ ва таҳшиншавӣ парафин ва намак дар конҳои нафтӣ Тоҷикистон.

-омӯзиши тавсифи физикӣ-химиявии захираҳои дуюмаи истеҳсоли равғани растанӣ ва маводҳои баҳамтаъсири онҳо бо реагентҳои саноатӣ бо ҳосил кардани таркиби амалиёти комплексӣ дошта.

- таткиқи онҳо ба сифати ингибитори коррозия дар муҳити нейтралӣ - ва $H_2S$ – намакӣ бо усулҳои гравиметрии и потенциостатикӣ.

-асосноккуни илмӣ ҷабҳаҳои физикӣ-химиявии таъсири захираҳои дуюмаи истеҳсоли равғани растанӣ ба равандҳои коррозия, таҳшиншавӣ парафин ва намак ва модификатсияи он бо моддаҳои маълуми саноатӣ.

-таткиқи онҳо ба сифати коагулянти дорои хосияти ингибитори коррозия дошта дар ҳангоми таъёр кардани обҳои шорида (ганда) барои фишоридан ба махзанҳои (конҳо) нафтӣ.

-нишон додани таъсири маводҳои баҳамтаъсиркунии қатрони равғани растанӣ бо реагентҳои саноатӣ ба хосиятҳои махсуси флюидҳои қабатӣ (омехтаи нафт, об ва газ) ба қобилияти рондани захираҳои боқимондаи нафти дар сатҳи ҷинс адсорбсияшуда ва параметрҳои реологӣ.

- коркарда баромадани усули истифодаи амалии ТАКИ дар системаи истехроҷ, ҷамъкунии, таёркунии ва интиқоли нафтӣ ва оби шорида мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Бори аввал таткиқоти физикӣ-химиявии захироҳои дуюмаи истеҳсоли қатрони равғани растанӣ (ҚРР) ва модификатсияи он бо реагентҳои маълуми саноатӣ ба сифати ингибитори коррозия дар обҳои гуногуни конҳои нафтӣ Тоҷикистон гузаронида шуд.

-таъсири онҳо ба раванди коррозия (хурдашавӣ), таҳшиншавии парафин ва намак (ТПН), коагулятсия, нафтронандаги татқиқ ва дурнамои истифодаи онҳо дар саноати нафт муайян карда шудаст.
-нишон дода шудаст, ки модификатсияи қатрони равғани растанӣ (ҚРР) бо реагентҳо ва партовҳои маълуми саноатӣ дар муҳити коррозионӣ-агрессивии гуногун: нейтралӣ- ва $H_2S$ -намакӣ дар системаи истехроҷи нафт, таёркунии оби қабатӣ хосияти ингибиронӣ баландро зоҳир менамояд.
-бо татқиқи каҷиҳои поляризационӣ нишон дода шудаст, ки ТАКИ–и аз партовҳои коркарди пахта ва реагентҳои саноатӣ ҳосилкардашуда реакцияи электрохимияви катодӣ ва анодиро самаранок паст мекунад. Муқарар карда шудаст, ки реагенти намуди аминии «Дигазфен»и саноатӣ бисёртар шидатнокӣ раванди деполяризатсиониро зоҳир менамояд. Механизми таъсири ҚРР характери адсорбционӣ дорад.
-муқарар карда шудаст, ки намаки аминии ҚРР ба таҳшиншавӣ зарраҳои муаллақ ва софшавӣ аз нафт мусоҳидат менамояд.
-аввалин бор ТАКИ ҳосил карда шуд ва ба сифати ингибитори коррозияи металл ва таҳшиншавии парафин омӯхта шуданд.
**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Татқиқоти гузароиндашудаи физикӣ-химиявии хосияти ингибиронӣ композитсия ва таъсири онҳо ба флюидҳои қабат дар кор карда баромадани технологияи ҳосилкунӣ ТАКИ барои саноати нефт имконият дод. Маълумотҳои ҳосилгардида имкон медиҳад, ки масъалаи аз рӯи меъёр истифодабарии партовҳоро ҳал ва ба васеъшавии базаҳои ашёгӣ дар истеҳсолоти таркиби композитсионии таъсири маҷмӯгӣ мусоидат менамояд. Таркибҳои таъсири маҷмӯгӣ кор карда баромада истифодаи технологии онҳо пешниҳод карда шудааст.

Асбоби барои ченкуни параметрҳои коррозионӣ и коагулятсионӣ муҳити агрессиви дар озмоишгоҳҳои илмӣ ва таълимӣ аз тарафи устодон ва донишҷӯён барои иҷро кардани корҳои дипломӣ, курсӣ ва озмоишгоҳӣ истифода шуда истодаст.
**Усулҳои таҳқиқот ва дастгоҳҳои истифодашуда:**
-усули гравиметрии омӯзиши кинетикии равандҳои коррозия, коагулятсия, таҳшиншавии парафин ва намак (ТПН), нафтронандагӣ;
-усули электрохимиявии омӯзиши кинетикӣ ва характери таъсири ТАКИ ба ҷоришавии реаксияҳои электрохимиявии дар муҳити дисперсионӣ (потенсиостат П-5827 М). ИКС дар асбоби UR-20 гирифта шудааст.
-қисми назариявӣ кор дар асоси як қатор қонунҳои физико-химиявӣ маводҳои қабати нафтӣ (коррозия, таҳшиншавӣ парафин ва намак, коагулятсия ва нафтронандагӣ) сохта шудаст;
-коркарди математикӣ малумотҳои эксперименталӣ бо истифодаи иловагиҳои пакети стандартӣ программаи Microsoft Excel гузаронида шудаст.
**Ба ҳимоя пешкаш мегардад:**
-хосияти физико-химиявии флюдҳои қабатӣ конҳои нафтӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои вайронкунандаги-коррозионӣ онҳо;
-тавсифи физикӣ-химиявии захираҳои дуюмаи истҳсоли равғанҳои растанӣ ва партовҳои саноатӣ;
-натиҷаи татқиқотҳои композитсия ҳамчун ингибитори коррозия дар муҳити нейтралӣ намакӣ, гидрогенсулфиди-намакӣ бо усули гравиметрӣ ва потенсиостатикӣ;
-натиҷаҳои омӯзиши ҷабҳаҳои физикӣ-химиявии таъсири яквақтаи композитсия ба равандҳои коррозия, ТПН;
-натиҷаи омӯзиши композитсия ба сифати коагулянти дорои хосияти ингибитори коррозия дошта ва таъсири онҳо ба сифати таёркуни обҳои шоридаи конҳои нафтӣ барои фишоридан ба махзанҳо.
-тарзи ҳосил кардан ва истифодаи амалии композитсияҳо дар системаи истехроҷ, ҷамъ ва интиқоли нафт.
**Саҳми шахсии муаллиф** дар гузориши масъалаҳои татқиқот, усулҳои ҳалли онҳо, дорёфт кардан ва коркарди маълумотҳои таҷрибавӣ, таҳлил ва

ҷамбаст намудани натиҷаҳо, ба тасфият овардани хулосаҳои асосӣ ва мазмуни рисола зоҳир мегардад.

**Дараҷаи саҳеҳият ва баррасии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия муҳокима карда шудааст: Международной конференции «Наука и современное образование: проблемы и перспективы», посвященной «60-летии ТГНУ» (ТГНУ, Душанбе, 2008); IV-ой Международной научно-практической конференции «Перспективы развития науки и образования» (ТТУ, Душанбе, 2010); республиканской научной конференции «Химия: исследования, преподавание, технология» (ТНУ, Душанбе, 2010); республиканской научной конференц «Проблемы современной координационной химии» (ТНУ, Душанбе, 2011); республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава ТНУ, посвященной «17-й годовщине Независимости Республики Таджикистана» (ТНУ, ч.1, Душанбе, 2008); республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава ТНУ, посвященной «18-й годовщине Независимости Республики Таджикистана» (ТНУ, ч.1, Душанбе, 2009); республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава ТНУ, посвященной году образования и технических знаний (ТНУ, ч.1, Душанбе, 2010); республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 25-летию государственной независимости республики Таджикистан (ТНУ, Душанбе, 2016); XIV-Нумановский чтений: «Достижения химической науки за 25 лет государственной независимости Республики Таджикистан», (ИХАНРТ, Душанбе, 2017) пешниҳод (маърӯза) ва муҳокима карда шудаанд.

***Интишорот.*** Аз рӯи натиҷаҳои асосӣ татқиқот дар 12-мақола иншо гардидаст (Аз корҳои чопӣ 5-мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 7-мақола дар маводи конфренсияҳои илмӣ ба табъ расонидан ва 1-патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. диссертатсия аз муқаддима, обзори адабиёт, қисми методӣ ва экспериментанӣ, муҳокимаи натиҷаҳо ва хулосаҳо ташкил ёфтаст. Рисола дар ҳаҷми 120-саҳифаи матни компютерӣ, 28-ҷадвал ва 13-расм иборат аст. Номгӯи адабиётҳои истифодашуда 171 ададро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

**Дар муқаддима** актуалноки мавзӯъи интихоб кардашуда асоснок, мақсад ва масъалаҳои кори ба шакли муайан даровaрда, мазмуни асосӣ рисолаи ба дифоъ баровардашаванда баён карда, ва имконияти асосӣ истифодаи амалӣ натиҷаҳои тадқиқот нишон дода шудаст.

**Дар обзори адабиёт** (боби 1) татқиқи корҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар бораи омӯзиши вайроншавӣ коррозионӣ ва дигар равандҳои вайронкунанда дар саноати нафт ва роҳои пешгирӣ он, ва имконияти соҳаҳои истифодаи захираҳои дуюми истеҳсоли равғани пахта нишон дода шудаст.

**Дар қисми экспериментaлӣ** (боби 2) хусусиятҳои маводҳои аввала, усулҳои татқиқот ва омӯзиши физикӣ-химиявии коррозионӣ ва дигар хусусиятҳои объектҳои тадқшаванда оварда шудаст.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои татқиқотҳои гузаронидашуда мувофиқи мақсади кор баён ва муҳокимарони карда шудаст. Соҳаҳои истифодаи натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаст. Озмоиши таҷрибавӣ-саноатии натиҷаҳои санҷиши стендийро тастиқ менамояд ва имконияти истифодаи таркиби композитсиони ГРМ:Дигазфен:ДШФВН-ро чун ингибитори коррозияи дараҷаи ҳимояи баландро (95-98%) дар муҳити мадандори дорои $O_2$ и $CO_2$ таминкунанда мебошад. Самараноки иқтисодӣ солона 76048 в.ш. мебошад.

## Таркиби химиявӣ ва хусусияти фаъоли коррозионӣ обҳои қабатӣ конҳои нафтӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъсири вайронкунандагии маводҳои чоҳҳо ба таҷҳизотҳои нафтистихроҷкунанда аз мавҷудияти миқдори қисматҳои фаъоли коррозионӣ, чунон моддаҳои деполяризатсиякунанда ба монанди $O_2$, $CO_2$, $H_2S$ вобаста мебошад.

Чуноне, ки аз ҷадвали 1 бармеояд обҳои конҳои Шоҳамбарӣ, Кичик-Бел - Оқбош-Адир бо фаъолияти баланди коррозионӣ бо он фарқ мекунанд, ки дар таркибӣ онҳо миқдори зиёди $H_2S$ (105 то 170 мг/л) мавҷуд аст. Обҳои дар конҳои нишондодашуда бо мавҷудияти баланди сулфатҳо ва ионҳои калсий фарқ карда дар таҷҳизотҳо таҳшиншавии намакҳоро ба миён меорад. Бо қадри обнокшави кон суръати коррозия аз 0.1 то 0.9 г/м$^2$·соат зиёд мешавад. Аммо дар обгузарҳо обҳои шорида суръати коррозия аз 1.5-2.5 г/м$^2$·соат зиёд мешавад.

**Ҷадвалӣ 1** - Таркибӣ химиявии обҳои пластӣ ва шоридаи конҳои Тоҷикистон·

| Номгӯи ионҳо | Мавҷудияти ионҳо дар конҳои, мг/л | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Идораи истихроҷи нафту гази Нафтобод (ИИНГН) | Бештентоғ | Шоҳамбарӣ | Кичик-Бел - Оқбош-Адир |
| $Na^+$, $K^+$ | 44589,6 | 39944,3 | 6686,7 | 31814,0 |
| $NH_4^+$ | 36,0 | 55,0 | 213,0 | 60,0 |
| $Ca^{+2}$ | 4308 | 2755,5 | 1628,3 | 5810,5 |
| $Mg^{+2}$ | 1216,0 | 988,0 | 1064,0 | 2584,0 |
| $Fe^{+2}$,$Fe^{+3}$ | 1,6 | 1,6 | 384,0 | След |
| $Cl^-$ | 79410,5 | 67628,1 | 13904,6 | 63927,5 |
| $Br^-$, $J^-$ | 42,3 | 95,9 | 42,12 | 335,6 |
| $SO_4^{+2}$ | 488,3 | 1818,8 | 3345,0 | 2334,0 |
| $HCO_3^{+2}$ | 219,6 | 305,5 | 1738,5 | 317,6 |
| Минералнокии умумӣ | 130312,5 | 113592,8 | 29006,69 | 107365,6 |
| $H_2S$ | - | 4,72 | 105,0 | 170 |

### Интихоби маводҳои аввала ва татқиқоти хосиятҳои онҳо

**Қатрони равғани растанӣ (ҚРР)** - боқимондаи коркарди равған буда, моддаи часпакмонанди рангаш сиёҳ аст вадар таркибаш кислотаҳои равғанини органикии калонмолекула, госсипол, моддаҳои сафеда, пайвастҳои гуногуни фосфорӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

**Фраксияии васеъи тобитумии нафти баландсулфур (ФВТНБ)** – баъди тақтири нафти молӣ ҳосилшуда ҷунин таркиб дорад, масса бо %: C - 83.7-84.75; H - 11.1-15.2; $S_{умумӣ}$=1.05-4.10 (аз ҷумла $S_{сулфид}$=0.75-3.15). Дар тақтири фраксионӣ (то 350°C) 91.0-94.0% ҷӯшада ҷудо мешавад. Таркиби структуравӣ- гуруҳии пайвастҳои органикии сулфури ФВТНБ аз сулфидҳои сери сиклӣ (75-80%) ва тиофенҳо (20-25%) иборат аст. $d_4^{20}$=0.8672; $n^{20}_D$=1.4800; Часпакӣ - 5.9 сст; $S_{умумӣ}$=3.95%.

**Ингибитори коррозияи гидрогенсулфидӣ тамғаи «Дигазфен» (Д)** ҳосилаҳои хинолинӣ ва қатори равғанӣ эфирҳои аминиро дар бар мегирад.

**Боқимондаи кубӣ (зарф) тозакунии аммиак бо моноэтаноламин дар ҳангоми истеҳсоли аммиак (МЭА)**– моеъи қаҳваранги бо бӯи аммиак. $d_4^{20}$=1.05-1.1 г/см$^3$. Дар об хуб ҳалшаванда. Тавассути таҳлилҳо муқаррар гардид, ки МЭА дар худ ҷунин таркибро доро мебошад, масса бо %: моддаҳои зифти – маҳсули полимеризатсияи МЭА - 5-12; кислотаи мӯрча -1-3; об - 25-30. Зифти МЭА ҷунин таркиби элементиро дар бар мегирад, бо %: C - 55.37; H - 8.97; N - 26.42; O - 9.24.

**Моддаҳои сатҳашон фаъол (МФС) (ОП-10)** – эфири моноалкилфенилии полиэтилени гликол дар асоси полимердистилят $C_nH_{2n+1}C_6H_4O$-$(C_2H_4O)_mH$, ки дар ин ҷо n=8-10, m=10-12 (ОП-10) – ГОСТ 8433-81.

**Тайёр кардани маҳлули обии моддаҳои сатҳашон фаъол (МСФ).** Маҳлул дар асосӣ ҚРР ва МЭА. Ҳангоми омехтакунии Д (ҳосилаҳои хинолин ва МЭА) бо ҚРР реаксияи химиявии зерин мегузарад:




$$R\text{-}COOH + МЭА \longrightarrow RCOO^{-}\ МЭА\ H^{+}\ (1)$$

Дар натиҷаи ин реаксия намаки аминии кислоти органикӣ ҳосил мешавад.

**Самаранокӣ ингибиторҳои саноатӣ дар муҳити хусусияти коррозионӣ - фаъол конҳои Тоҷикистон**

Ба сифати ингибитори коррозия 11-то ингибиторҳои дар об ва дар нафт ҳалшаванда: ИКБ-4, ГРМ, ТАЛ-2, ИКБ-2-2, ИКАР-1, КИ-1, Ифхангаз, Север-1, ИКБ-6, ИКМ-4, АзНИПИ-72 ва омехтаги онҳо санҷида шудаст.

Ин ингибиторҳои маълуми саноатӣ дар обҳои шоридаи конҳои нафтӣ Тоҷикистон натиҷаҳои баланди самараноки ҳимояро ноил гашта натавонистанд ё, ки натинҷаҳои манфӣ нишон доданд.

Ингибиторҳои коррозияи аз ҳама самаранок ва омехтаги онҳо барои ҳимояи коррозияи дохилӣ қубурҳо ва таҷҳизотҳои истихроҷи нафти дар ҷадвали 2 оварда шудаст.

**Таблица 2** - Ингибиторҳои коррозияи аз ҳама самаранок барои ҳимояи таҷҳизотҳои истихроҷи нафти Тоҷикистан

| Намуди ингибитор | Консентратсия мг/л(г/м$^3$) | Самараноки ҳимоя, % | Кон |
|---|---|---|---|
| ГРМ | 50 | 69,0 | Бештенгтоғ |
| | 150 | 67,0 | |
| | 300 | 72,0 | |
| ИКБ-2-2+ИКБ-4 | 100/50 | 75,4 | Шаамбары |
| ИКБ-2-2+ ГРМ | 100/50 | 75,3 | |
| ИКБ-4в+ ГРМ | 100/50 | 72,0 | |
| ТАЛ-2 | 100 | 90,0 | |
| ИКБ-4в+ ГРМ | 50/25 | 93,0 | Рават |
| | 75/50 | 97,2 | |
| ИКБ-4в | 50 | 76,18 | Кичик-Бел и Оқ-Бош-Баш-Адир |
| ИКБ-4в+ ГРМ | 50/50 | 81,6 | |
| ИКБ-4в+ ИКБ-2-2 | 50/100 | 85,9 | |

**Таъсири қатрони равғани растанӣ ва композитсия дар асосӣ он ба тавсифи электрохимиявии пӯлод ст.3 дар обҳои қабатӣ**

Самаранокии гурӯҳи композитсионӣ дар асосӣ ҚРР нисбатиба ҳамаи навъҳои асосии обҳои қабатӣ, ки дар конҳои нафтӣ Тоҷикистон мавҷуд мебошад омӯхта шудаст. Таҷрибаҳо дар ҳудуди консентратсияи 50-500 мг/л дар ҳарорати 20°С бо усули потенсиостатикӣ дар истифодаи потенсиостати П-5827м гузаронида шудаанд.

Дар расмҳои 1-2 каҷхаттаи кинетикии равандҳои электродии ҳалшавандагии анодии металл ва деполяризатсияи оксигенӣ дар обҳои қабатии конҳои ИИНГ Нафтобод (нейтралӣ-намакии) дар иштироки ҚРР ва омехтаи онҳо бо Дигазфен дар ҳарорати 20°С нишон дода шудааст.

Омехтаи гуруҳи композитсионӣ дар асоси ингибиторҳои ҚРР ва Дигазфен таткиқот гузаронида шудааст. Натиҷаҳои хуб дар таносуби ҚРР:Д баробар бо 1:2 мушоҳида мегардад. Ҳамин тавр дар обҳои кони Бештенгтоғ ва ИИНГ-и Нафтобод самараи ҳимоя ба 93% баробар мешавад (консентратсия 200-250 мг/л). Дар таносуби 1:1 ва 2:1 самари омехта нишондоди камее паст дорад. Ба таркиби композитсия дохил кардани ингридиенти сеюм ФВТНБ ба баландшави хосияти ҳимояи ин композитсия (ҚРР:Д:ФВТНБ=1:1:1) то 98% ( консентратсия= 500 мг/л) оварда мерасонад, ки дар ин ҳол $\gamma$ = 44.5 мебошад (нигаред ба ҷадвали 3).




**Расми 1** - Каҷхаттаи поляризатсионии катодӣ ва анодии пӯлод 3, ки дар ҳарорати 20°С дар обҳои қабатии ИИНГ-и Нафтобод дар иштироки омехтаи ингибиторҳои ҚРР:Дигазфен (1:1) дар консентратсияҳои гуногун: 0-0*бе ва бо иловаи ингибитор дар консентратсияи 1-1*-200 мг/л, 2-2*-250 мг/л,3-3*-500 мг/л дастрас карда шудаанд.




**Расми 2**- Каҷхаттаи поляризатсионии катодӣ ва анодии пӯлод 3, ки дар ҳарорати 20°С дар обҳои қабатии ИИНГ-и Нафтобод дар иштироки омехтаи ингибиторҳои ҚРР:Дигазфен:ФВТНБ (1:1:1) дар консентратсияҳои гуногун : 0-0* бе ва бо иловаи ингибитор бо консентратсияи 1-1*-200 мг/л, 2-2*-250 мг/л, 3-3*- 500мг/л дастрас карда шудаанд.

**Ҷадвали 3** -Натиҷаи татқиқи ингибиторҳои коррозия ва намактаҳшиншавӣ дар муҳити агрессивии конҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 20°С

| Чоҳҳо | Ингибитор | Консен-трасияи ингибитор (С), мг/л | Ҷар.корр. ($J_{корр.}$x$10^3$), А/см² | Суръати корр.(К), г/м²·час | Самараи ингиби-торӣ, γ | Дараҷа и ҳимоя Z, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бештенг-тоғ | Бе ингибитор | - | 0.159 | 1.66 | - | - |
| | Дигазфен (Д) | 50 | 0.063 | 0.66 | 2.5 | 60.2 |
| | | 100 | 0.048 | 0.50 | 3.3 | 69.2 |
| | | 200 | 0.047 | 0.49 | 3.4 | 70.4 |
| | | 400 | 0.035 | 0.37 | 4.5 | 77.7 |
| | ҚРР | 50 | 0.055 | 0.58 | 2.9 | 63.3 |
| | | 100 | 0.050 | 0.52 | 3.2 | 67.0 |
| | | 200 | 0.045 | 0.47 | 3.5 | 70.1 |
| | ҚРР:Д=1:2 | 50 | 0.015 | 0.16 | 10.4 | 89.5 |
| | | 100 | 0.012 | 0.13 | 12.8 | 91.7 |
| | | 200 | 0.010 | 0.11 | 15.1 | 92.8 |
| | ҚРР:Д =1:1 | 50 | 0.018 | 0.19 | 8.7 | 87.9 |
| | | 100 | 0.016 | 0.17 | 9.8 | 89.0 |
| | | 200 | 0.014 | 0.15 | 11.0 | 90.4 |
| | ҚРР:Д =2:1 | 50 | 0.015 | 0.16 | 10.4 | 89.0 |
| | | 100 | 0.014 | 0.15 | 11.0 | 90.4 |
| | | 200 | 0.012 | 0.13 | 12.8 | 91.6 |
| Нефте-абад | Бе ингибитор | - | 0.076 | 0.79 | - | - |
| | Дигазфен (Д) | 100 | 0.68 | 0.70 | 1.13 | 11.7 |
| | | 200 | 0.035 | 0.36 | 2.20 | 54.4 |
| | | 500 | 0.016 | 0.17 | 4.65 | 78.5 |
| | ГРМ:Д=2:1 | 100 | 0.028 | 0.29 | 2.7 | 62.7 |
| | | 250 | 0.005 | 0.06 | 13.5 | 92.5 |
| | | 500 | 0.005 | 0.05 | 15.1 | 93.4 |
| | ГРМ:Д: *ФВТНБ* =1:1:1 | 200 | 0.016 | 0.16 | 4.8 | 79.0 |
| | | 250 | 0.0079 | 0.083 | 9.5 | 89.5 |
| | | 500 | 0.0017 | 0.010 | 44.5 | 98.0 |

Натиҷаи омӯзишитаъсири «Д» ва композитсияи он бо ҚРР ба нимреаксияҳои катодию анодии дар сатҳи пӯлод дар муҳити обҳои қабатии конҳои Бештентяк ва ИИНГ Нафтобод гузаранда дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4** - Таъсири «Д» ва композитсияи он бо ҚРР ба тавсифи электрохимиявии пӯлот Ст.3 дар обҳои қабатии конҳои Бештенгтоғ ва ИИНГ Нафтобод

| Ингибитор | Конҳо | С, мг/л | $\varphi_{ст}$ mB | Ҷараёни катодӣ ($i_{к}$ при $\varphi$= 0.75в), А/см$^2$ | Ҷараёни анодӣ ($i_{а}$при $\varphi$= 0.28в), А/см$^2$ | $K_к$ г/м$^2$·ч | $K_а$ г/м$^2$·ч | $\gamma_к$ | $\gamma_а$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дигазфен (Д). | Бештенгтоғ | - | 490 | $2.51\cdot10^{-3}$ | $1.0\cdot10^{-2}$ | 26.2 | 104.3 | - | - |
| | | 100 | 450 | $5.01\cdot10^{-4}$ | $6.3\cdot10^{-3}$ | 5.23 | 65.8 | 5.0 | 1.6 |
| | | 200 | 435 | $5.01\cdot10^{-4}$ | $4.46\cdot10^{-3}$ | 5.23 | 46.6 | 5.0 | 2.2 |
| | | 400 | 420 | $1.99\cdot10^{-4}$ | $2.51\cdot10^{-3}$ | 2.08 | 26.2 | 12.6 | 4.0 |
| ҚРР | Бештенгтоғ | 50 | 350 | $3.98\cdot10^{-4}$ | $1.9\cdot10^{-4}$ | 4.15 | 2.08 | 6.3 | 50.1 |
| ҚРР: Д = 2:1 | | 50 | 360 | $1.0\cdot10^{-4}$ | $6.3\cdot10^{-4}$ | 2.04 | 6.58 | 25.2 | 15.9 |
| ҚРР: Д = 1:1 | | 50 | 355 | $1.25\cdot10^{-4}$ | $1.25\cdot10^{-4}$ | 1.31 | 1.31 | 20.0 | 79.6 |
| ҚРР: Д =1:2 | | 50 | 320 | $1.58\cdot10^{-4}$ | $3.98\cdot10^{-5}$ | 1.65 | 0.42 | 15.9 | 248 |
| | | 100 | 350 | $1.0\cdot10^{-4}$ | $1.25\cdot10^{-4}$ | 1.04 | 1.31 | 25.2 | 79.6 |
| | | 200 | 350 | $7.9\cdot10^{-5}$ | $1.0.10^{-4}$ | 0.83 | 1.04 | 31.6 | 100 |
| ҚРР: Д.= 1:2 | ИИНГ Нафтобод | - | 620 | $1.25\cdot10^{-4}$ | $3.98\cdot10^{-2}$ | 1.31 | 415.3 | - | - |
| | | 200 | 450 | $1.41\cdot10^{-4}$ | $3.98\cdot10^{-3}$ | 1.47 | 41.5 | 0.9 | 10.0 |
| | | 500 | 430 | $6.31\cdot10^{-5}$ | $7.9\cdot10^{-3}$ | 0.66 | 82.8 | 2.0 | 5.0 |
| ҚРР:Д:ФВТНБ =1:1:1 | | 250 | 420 | $1.58\cdot10^{-4}$ | $1.0\cdot10^{-3}$ | 1.65 | 10.43 | 0.8 | 39.8 |
| | | 500 | 400 | $1.58\cdot10^{-4}$ | $7.9\cdot10^{-5}$ | 1.65 | 0.83 | 0.8 | 500 |

«Д» дар муҳити обҳои қабатии чоҳи Бештенгтоғ потенсиали статсионариро аз $\varphi_{ст}$=0.49 то$\varphi_{ст}$=0.42В мелағжонад. Дар консентратсияи 100мг/л барқароршавии катодии гидроген ҳангоми $\varphi_к$=-0.57В будан то $\gamma_к$=5 маротиба кам шуда, ҳангоми $\varphi_а$=-0.28В будан барои ҳалшавии анодии металл $\gamma_а$=1.6 мебошад. Ҳангоми чунин консентратсия омехтаи он бо ҚРР дар таносуби ҚРР:Д=1:2 раванди катодиро дар $\gamma_к$=25.2 маротиба ва анодиро - $\gamma_а$=79.6 маротиба кам менамояд (ҷадвали 4).

Омехтаи ин ингибиторҳо потенсиалӣ статсионарии металл $\varphi_{ст}$ ба тарафи мусбат дар ҳисоби миёна ба 150 мВ лағжонада, ба ҳардуи реаксияҳои электрохимиявӣ таъсири самаранок мерасонад. Таъсири «Д» бештар бо зиёдшавии шидатнокӣ раванди деполяризатсия мушоҳида мешавад. Механизми таъсири ҚРР хусусияти адсорбсиони дорад. «Д» бошад ба потенсиалӣ умумии системаи оксиду барқароршавӣ таъсир расонда ба тағйирёби ҷаҳиши потенсиали қабати дучандаи электрикӣ дар сарҳати фаза меорад.

**Баҳодиҳии ба вақти баъдитаъсирии ҚРР ва таркибҳо дар асосӣ он**

Барои интихоби таркиби композиционӣаз ҳама самаранок бо мақсади кор фармуданионҳо дар шароитҳои аниқи истифодабарӣ зарур меояд, ки параметри муҳим, ба монанди вақти баъди таъсир, ки дар муддати он таркиб хосияти муҳофизати худро ба таври қаноатбахш нигоҳ дошта метавонад ба қайд гирифта шавад.

Дар дастгоҳи электроди чархзананда дошта шартҳои (сурати ҷориши моеъ, ҳарорат, температура, таркиби агрессивӣ муҳит) истифодабарӣ муайян моделиронида шуд. Электроди омода кардашуда барои дар сатҳи он пардаи ҳимоякунанда пайдо шавад дар муддати 1 дақиқа, ҳангоми зудии чархзании электрод 500 дақ$^{-1}$ дар маҳлули 10%-и ингибитор ғӯтонида мешавад. Қисми зиёдатии ингибитор ҳангоми 1000 дақ$^{-1}$ дар муддати 1 дақиқа дур карда мешавад. Ва баъд ҳангоми зудии чархзании электрод 1000 дақ$^{-1}$ ба таври даврӣ бузургии зерин:

$R_p=(d\varphi/di)\cdot\varphi \longrightarrow \varphi_K$, ки муқовимати поляризатсионӣ ном дорад муайян карда мешавад. Ҳаттаи будани качи поляризатсионӣ (КП) дар ҳудуди потенсиалҳои $\varphi_к$ ±10мВ фараз карда соҳиби $R_p= (\Delta\varphi/\Delta t)\cdot\Delta\varphi=10$ (1) мешавим. Сурати коррозия бо ифодаи муаяни усули муқовимати поляризатсионӣ: $i=B/R_p$,ки дар ин ҷо $B=b_a\cdot b_c/2,3\cdot(b_a+b_C)$ мебошад. Бузургиҳои $b_a$ва $b_C$ бо шарти моилии хати качи поляризатсионии ҳангоми $\Delta\varphi=0$ ё ин ки $\varphi=\varphi_к$, дар таҷрибаҳои новобаста муайян карда мешавад.

Барои гузаронидани таткиқотҳо потенсиостатӣ П-5827М ва ячейкаи электрохимиявии ЯСЭ-2, тахометрии рақамии ТЦ-3М ва сониясанҷи электрикии СЭЦ-100 истифода шудаст.

Аз тарафи В.М.Новаковский ифодаи барои моделиронии сели суръатноки моеъ дар қубурҳо дар шароити озмоишӣ: $V=0.26(\nu/D)^{1/2}(\nu/n)^{1/2}$, ки дар ин ҷо V-суръати ҳаракати моеъ дар қубурҳо (м/с); ν-часпакии кинематикӣ ( см²/с); D- коэффитсиенти диффузияи оксиген см²/с; ***n***-зудии чархзании электрод $с^{-1}$ мебошад қабул карда шудаст.

Барои аз нав ҳисобкунӣ формулаҳои эмпирикӣ зерин истифода шудаанд: $\tau^{25}_{бт}=\tau^t_m- 300^{-t}+0.22\sqrt{m}+7.32$ (соат) (2); $\tau^{25}_{пд}=\tau^t_{1000}- 100\, t^{-1}+5.3$ (соат) (3), дар ин ҷо $\tau^{25}_{бт}$ - вақти баъди таъсир дар 25°С ва сурати чархзани 500 дақ$^{-1}$; $\tau^t_m$- вақти баъди таъсирдар ҳарорати *t* ва сурати чархзани - ***m*** мебошад. Формулаи (2) барои муҳите, ки оксиген, (3) - гидрогенсулфид дуруст мебошад. Аз рӯи усули баён кардашуда ингибитори ҚРР ва қатори ҳосилаҳои он (ва минбаъд ҚРР-3 - ҚРР:МЭА=1:2, ҚРР-4 - ҚРР:МЭА=2:1, ҚРР-6 - ҚРР:Д=1:2, ҚРР-7 - ҚРР:Д=2:1, ҚРР-8 - ҚРР:ПКА=2:1 таткиқот карда шудаст (асосҳои **пиридини** дар **коксони ангишт** ҳосилшуда - ПКА).

Ба сифати муҳити коррозионӣ маҳлули 3%-и NaCI ва обҳои қабатии конҳои Бештенгтоғ ва Шоҳамбарӣ мавриди таткиқ қарор дода шуд.

Дар расмҳои 3 ва 4 динамикаи тағъирёбии суръати коррозия бо тағъирёбии ҳарорат (расми 3) ва зудии чархзании электрод (расми 4) дар маҳлули 3%-и NaCI нишон дода шудаст.

Чӣ тавре, ки аз расми 3 маълум аст, ки дар фосилаи ҳарорати 40-60°С вақти баъдитаъсири ингибиторҳо ба як чанд тартиб кам мешавад. Бо




**Расми 3** - Тағирёбии суръати коррозия (ρ) дар вобастагӣ аз вақт (τ) дар маҳлули 3% NaCI ҳангоми n=1000 мин$^{-1}$ ва t⁰C:1-40; 2-50; 3-60; 4-70; (маҳлули 10%-и ҚРРдар ФВТНБ)




**Расми 4** - Тағирёбии суръати коррозия бо вақт барои пӯлоди Ст.3 дар маҳлули 3%-и NaCI ҳангоми t=60⁰C ва n.дақ$^{-1}$; 1-500; 2-1000; 3-2000 (маҳлули 10%-и ҚРР дар ФВТНБ)

зиёдшавии ҳарорат характери тағъирёбии вақти баъдитаъсири ингибиторҳо нисбатан ҳамвор ва ҳангоми 80°С дар амал барои ҳамаи ингибиторҳои таткиқшуда ба сифр баробар мебошад. Чунин вобастагироҳам дар ҳангоми тағъирёбии зудии чархзании электрод мушоҳида карда мешавад. (ниг. расми 4).

Ҳамин тавр бо зиёдшавии ***n*** аз 500 то 2000 дақ$^{-1}$ (зиёдшавии суръати ҷориши моеъ дар қубур аз 1 то 4 м/с рост меояд) вақти баъдитаъсир

ҳангоми 60°C аз 12 то 0.5 соат кам мешавад. Тағирёбии суръати коррозия обҳои қабатии чоҳҳои Бештенгтоғ нишон дод, ки вақти баъдитаъсирии ингибиторҳо аз рӯи қиёс ба маҳлули 3%-и NaCI хеле кам мешавад.

Баландшавии консентратсияи ингибитор аз 10 то 50%, ҳангоми 60°C, вақти баъди таъсири онро (аз 0.25 то 0.7 соат) на он қадар зиёд карда метавонад, яъне консентратсияи оптималии ингибитори додашуда барои миқдори «зарбавӣ» коркарди ДИН аз 10% зиёд намегардад.

Бузургиии баъди графикии дифференсиронидан ҳосилшудаи вақти баъди таъсири барои ингибиторҳои гуногун аз рӯи формулаҳои (2) ва (3) дар t=25°C ва n=500 гирдзанӣ/дақиқа ҳисоб карда шудааст. Маълумотҳои ҳосилгардида дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

Чӣ тавре аз ин маълумотҳо бармеояд вақти баъди таъсирии ингибиторҳо дар обҳои қабатии чоҳҳои Бештенгтоғ аз рӯи қиёс бо маҳлули 3% -и NaCI ба ҳисоби миёна ба 1.5 соат паст мегардад. Фақат ҚРР- 8, ки дар ин ҷо $\tau_{бд}$ ба 0.7 соат зиёд мебошад. Вақти миёнаи баъдитаъсирӣ барои ингибиторҳои додашуда ҳангоми t=20°C ва суръати ҷориш 1 м/с будан 10 соатро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре аз ҷадвали 5 бармеояд ин ингибиторҳо барои муҳити гидрогенсулфидии Шоҳамбарӣ бо консентратсияи $H_2S$ зиёда аз 50 мг/л, ҳато дар ҳароратҳои на он қадар баланд баъдитаъсири онҳо паст буда дар ҳарорат то 50-60°C бошад якбора то сифр мефарояд.

**Ҷадвали 5** – Вақти баъди таъсирии қатрони равғани растанӣ (ҚРР) ва як қатор ҳосилаҳои он

| Муҳит | Ингибитор | Баъдитаъсирӣ, с, ҳангомӣ V= 1м/с | |
|---|---|---|---|
| | | *t = 25°C* | *t*=60°C |
| Обҳои қабатӣ (Бештенгтоғ) | ҚРР | 9.5 | 0.25 |
| | ҚРР -3 | 10.0 | 0.7 |
| | ҚРР -4 | 9.5 | 0.25 |
| | ҚРР -6 | 10.0 | 0.7 |
| | ҚРР -7 | 9.5 | 0.25 |
| | ҚРР -8 | 10.1 | 0.8 |
| Обҳои қабатӣ (Шоҳамбарӣ) $C_{H2S}$= 100 мг/л | ҚРР | 3.3 | 0 |
| | ҚРР -3 | 3.3 | 0 |
| | ҚРР -4 | 3.8 | 0.5 |
| | ҚРР -6 | 3.5 | 0.2 |
| | ҚРР -7 | 3.3 | 0 |
| | ҚРР -8 | 3.3 | 0 |
| NaCl- и 3% | ҚРР | 11.8 | 2.5 |
| | ҚРР -3 | 12.1 | 2.8 |
| | ҚРР -4 | 10.2 | 0.8 |
| | ҚРР -6 | 10.5 | 1.25 |
| | ҚРР -7 | 11.5 | 2.25 |
| | ҚРР -8 | 9.4 | 0.1 |

Ҳамин тавр ҚРР ва қатори ҳосилаҳои он дар муҳити оксигендор натиҷаи самаранокии баъди таъсириро соҳиб шуда, метавонад барои ҳимояи таҷҳизотҳои истихроҷи нафт ва қубурҳо бо технологияи коркарди яккарата дар ҳарорати то 40°C тавсия дода шавад.

**Таъсири коагулятсионӣ ва ингибитории намакҳои қатрони равғани растанӣ ҳангоми омода намудани обҳо барои фишордан ба чоҳҳои нафтӣ**

Самаранокии системаи зериоб кардани конҳои нафт аз бисёр омилҳо вобаста аст. Муҳимтарини онҳо инҳо мебошад: устуворӣ, мувофиқ будани

обҳои барои фишордан бо обҳои қабатӣ (пластӣ) ва миқдори дар обҳо мавҷуд будани зарраи сахти муаллақ ва нафт мебошад.
Таҳлили обҳо нишон дод, ки дар ҳамаи ҷоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи pH дар ҳудуди 6.5 то 7.5 ҷойгир аст. Намуди обҳо хлоркалсигӣ буда, мавҷудияти боқимондаи заррaҳои муаллақшуда 231-543 мг/л, маводҳои нафтӣ 80-384 мг/л ва суръати коррозия 0.7-1.5 мм/солро ташкил медиҳад. Фишоридани чунин обҳо ба пастшавии гузаронандагии минтақаҳои қабатҳои зериҷоҳ ва ҳатто аз кор баромадани онҳо оварда мерасонад. Дар натиҷаи таъсири якҷояги коррозия бо намактаҳшиншавӣ қабулкунандаги ҷоҳҳои фишоранда паст, фишор дар шабакаҳои обгузар баланд ва суратии кафидани онҳо зиёд мешавад. Барои ҳамин имконияти истифодабарии усулҳои физикӣ-химиявии тозакунӣ бо истифодаи коагулянтҳои хосияти ингибитори аз коррозия доштаро дида шудаст.

**Ҷадвали 6** - Самаранокии таъсири намакҳои натригӣ ва аминии ҚРР ба дараҷаи тозакунии обҳои шоридаи конҳои нафтӣ Тоҷикистон

| Месторождение | Реагент | Иловаи реагентҳо, г/т | Вақти истодан, соат | Мавҷудият, мг/л (Самаранокӣ дар %) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | омехтаи механикӣ | маводҳои нафтӣ |
| Кичик-Бел | - | - | 0 | 360 (-) | 140 (-) |
| | - | - | 3 | 103 (71,4) | 90 (35,7) |
| | Намаки натригии ҚРР | 10 | 1 | 80 (77,7) | 35 (75,0) |
| | | -«- | 3 | 40 (88,8) | 10 (92,8) |
| | | -«- | 6 | 10 (97,2) | следы(99,9) |
| | Намаки аминии ҚРР | -«- | 1 | 75 (79,2) | 30 (78,6) |
| | | -«- | 3 | 35 (90,3) | следы(99,9) |
| | | -«- | 6 | 5 (98,6) | - (100) |
| Оқбош-Адир | - | - | 0 | 500 (-) | 80 (-) |
| | - | - | 3 | 250 (50) | 40 (50) |
| | Намаки натригии ҚРР | 10 | 1 | 120 (76) | 20 (75) |
| | | -«- | 3 | 80 (84) | 15 (81,1) |
| | | -«- | 6 | 20 (96) | следы (99,9) |
| | Намаки аминии ҚРР | -« | 1 | 120 (76) | 20 (-) |
| | | -«- | 3 | 74 (85,2) | 14 (42,8) |
| | | -«- | 6 | 15 (97) | - (100) |
| Шоҳамбарӣ | - | - | 0 | 350 (-) | 15 (-) |
| | - | - | 3 | 100 (71,4) | - (100) |
| | Намаки натригии ҚРР | 10 | 1 | 60 (82,8) | - |
| | | -«- | 3 | 30 (91,4) | - |
| | | -«- | 6 | 15 (95,7) | - |
| | Намаки аминии ҚРР | -«- | 1 | 60 (82,8) | - |
| | | -«- | 3 | 30 (91,4) | - |
| | | -«- | 6 | 13 (96,3) | - |
| Дастгоҳи таёркуни нафти Конибодом | - | - | 0 | 150 (-) | - |
| | - | - | 3 | 90 (40) | - |
| | Намаки натригии ҚРР | 10 | 1 | 100 (33,3) | - |
| | | -«- | 3 | 60 (60) | - |
| | | -«- | 6 | 20 (86,6) | - |
| | Намаки аминии ҚРР | -«- | 1 | 100 (33,3) | - |
| | | -«- | 3 | 60 (60) | - |
| | | -«- | 6 | 20 (86,6) | - |

Чуноне, ки аз ҷадвали 6 дида мешавад, самаранокии тозакунандагӣ бо истифодабари ба сифати реагент намакҳои аминии ҚРР дар обҳои шоридаи конҳои нафтӣ Тоҷикистон, дар миқдори 10 г/м$^3$ дар муддати 3-

соат аз рӯи маводҳои нафтӣ 99.9% ва омехтаҳои механикӣ бошад 90.3%-ро ташкил медиҳад, ки ба намакҳои натригии ҚРР рақобатпазир аст.

Намакҳои органикӣ ҳангоми ба обҳои минералӣ илова шудан бо намакҳои бисёрвалента таъсир намуда, дар натиҷа пайвастагиҳои зеринро ҳосил менамояд:

$$2RCOONH_3^+ \text{-}R + Me \longrightarrow (RCOO)_2Me^{+2} + 2Cl^- NH_3^+ \text{-}R \qquad (2)$$

Намакҳои калонмолекулаи кислотаҳои органикӣ $(RCOO)_2Me^{+2}$ ба тағъирёбии структураи заррҳои муаллақи сахт ва нафти дар об мавҷудбуда таъсир мерасонад, ки ба самаранокии таҳшиншавӣ, зичшавии таҳшинӣ ва камшавии миқдори боқимондаи онҳо ва ҳамчунин ба рӯи об баромадани маҳсулоти нафтӣ мусоидат менамояд. Маводи дигарин – ингибитори намуди аминии ($Cl^-NH_3^+$-R) дар об мавҷудаст, хосияти муҳофизати аз коррозияро дорад. Бо ин мақсад дар шароити озмоишгоҳ санҷиши намакҳои натригӣ ва аминии ҚРР гузаронида шуд.

Татқиқоти лабораторӣ самаранокии муҳофизати дастгоҳҳои конҳои нафтӣ аз коррозияи дохилӣ бо усули потенсиостатикӣ ба амал оварда мешавад. Ҳамчун муҳити вайронкунандаии коррозионӣ оби шоридаи тозакардашудаи кони Кичик-Бел, ки то 1500 мг/л $H_2S$ дорад хизмат кард.

**Ҷадвали 7** - Самараноки ҳимояи намакҳои натригӣ ва аминии ҚРР дар вобастагӣ аз консентратсияи онҳо

| Ингибитор | Консентратсия, мг/л | Суръати коррозия, г/(м²ч) | Самараи ҳимоя, % |
|---|---|---|---|
| Намаки натригии ҚРР | - | 1,80 | - |
| | 5 | 1,60 | 11,1 |
| | 10 | 1,45 | 18,4 |
| | 50 | 1,45 | 18,8 |
| Ингибитори коррозионии навъи аминӣ | 50 | 0,8 | 56,4 |
| | 100 | 0,49 | 74,7 |
| | 200 | 0,15 | 91,3 |
| | 400 | 0,12 | 94,0 |
| Намакҳои аминии ҚРР | 5/50 | 0,58 | 68,9 |
| | 5/100 | 0,52 | 71,8 |
| | 10/50 | 0,40 | 78,7 |
| | 10/100 | 0,33 | 82,5 |
| | 10/200 | 0,15 | 91,4 |

Аз ҷадвали 7 дида мешавад, ки самаранокии ҳимояи ингибиторӣи намуди аминӣ ҳангоми консентратсияи 50 мг/л ба 56% мерасад. Баландшавии консентратсия то 200 мг/л самаранокии ҳимояро то 91% зиёд мекунад. Намакҳои натригии ҚРР металлро аз коррозия то 11-18% ҳимоя карда метавонад. Самаранокии ҳимояи намакҳои аминии ҚРР дар ҳудуди 78-91% ҷойгир буда дар як вақт равандҳои анодӣ ва катодиро суст менамояд.

Ҳамин тавр намаки аминии ҚРР метавонад дар системаи фишордани обҳо шорида ба қабати кон ба сифати коагулянт ва ингибитор истифодаи худро ёфта метавонад.

### Таъсири намаки моноэтаноламинии қатрони равғани растанӣ ба нафтдиҳандагӣ қабат

Барои дар як вақт беҳтаркунии хосияти нафтронандагии обҳои минералии ба қабат (пласт) фишоридашавандаи ионҳои $Ca^{2+}$, $Mg^{+2}$дошта ва ҳамчунин пешгири намудани таҳшиншавӣ намакҳо таъсири ба ин равандҳо иловаҳои дар асоси МЭА ё дар намуди омехта он бо ҚРР омӯхта шудаанд (ҷадвали 8-9).

Таҷрибаҳо дар обҳои қабатии кони Шоҳамбарӣ гузаронида шудаанд. Ҳангоми иловаи тозаи МЭА ё омехтаи МЭА бо ҚРР дар

таносуби 1:(1:2) дар оби коркардшавандаи дар консентратсияи 0.5-0.6% самаранокии мусбии пастшавии намактаҳшиншавиро ноил магардад.

**Ҷадвали 8** - Самаранокии боздорӣ ҳосилшавии карахш (таҳшин) дар вобастагӣаз консентратсияи иловаҳо

| Таркиб | Консентратсия, % | Суръати карахшҳосилшавӣ, г\м$^2$-ч | Самаранокии боздорӣ, % |
|---|---|---|---|
| Обҳои қабатӣ | - | 1,72 | - |
| МЭА | 0,1 | 1,17 | 31,9 |
| | 0,5 | 0,95 | 44,7 |
| | 0,6 | 0,96 | 44,2 |
| | 1,0 | 0,76 | 55,8 |
| МЭА:ҚРР(1:0,5) | 0,1 | 0,07 | 95,9 |
| | 0,5 | 0,26 | 83,0 |
| | 0,6 | 0,38 | 77,9 |
| | 1,0 | 0,87 | 49,4 |
| МЭА:ҚРР(1:1) | 0,1 | 0,08 | 95,3 |
| | 0,5 | 0,09 | 94,5 |
| | 0,6 | 0,27 | 82,8 |
| | 1,0 | 0,82 | 52,3 |
| МЭА:ҚРР(1:2) | 0,1 | 0,04 | 97,6 |
| | 0,5 | 0,09 | 94,5 |
| | 0,6 | 0,25 | 85,5 |
| | 1,0 | 0,80 | 53,5 |

Намакҳои органикӣ ба минтақаи обдор дохил шуда бо намакҳои бисёрвалента таъсир намуда пайвастҳои зеринро ҳосил мекунанд:

$$2R\text{-}COO^{-}\,MЭAH^{+} + MeCl_2 \longrightarrow (R\text{-}COO)_2Me + 2MЭAHCl \quad (3),$$

ва инчунин пайвастии комплексии $(R\text{-}COO)_n Me_{n2}(MЭA)_{n/2}(OH)_{n/2}(CI)_{n/2}$. Намакҳои калонмолекулаи кислотаҳои органикӣ $(R\text{-}COO)_2Me$ ва пайвастҳои комплексӣ ба тағъирёбии структураи ковокӣ ва фазои тарқишнокӣ минтақаҳои обӣ таъсир расонда сабабгори камшавии самараноки ковокнокӣ ва тарқишнокӣ мебошад. Камшавии ковокнокии самаранок, якӯмин ба фишурдашавии қисми флюдҳо аз қабатҳо ва дуюмин ба тағъирёбии гузаронандагии фазавӣ оварда мерасонад. Баландшавии муқовимати полоиш дар минтақаҳои обӣ бо адсорбсияи $(R\text{-}COO)_2Me$ ва комплексҳо бояд ба кинетикаи паҳн шудани обшоркуни қабати нафтии таъсир худро мерасонанд. Маводи дигар МЭАНСІ кашиши байни фазавиро паст карда ба беҳтаршавии ҳаракатноки нафт мусоидат менамояд.

Чуноне, ки аз ҷадвали 9 аён аст, ки дар вақти истифодабарии иловагиҳо дар миқдори 0.1-0.5% хоҳ МЭА, хоҳ омехтаи МЭА бо ҚРР дар таносуби массавии 1: (1:2) такшиншавии намакҳо ба 44.7-97.6% кам шуда коэффитсиенти нафтронандагии аз ҷинсҳо ба 0.05-0.16 нисбатан ба фишордани бо обҳои иловаги надошта зиёд мегардад.

Ҳамин тариқ намаки моноэтаноламинии ҚРР вақти васлшавӣ бо обҳои минералии ионҳои $Ca^{+2}$ дошта комплексҳое ионҳои калсийро дар маҳлул нигоҳ доранда ҳосил карда, бадан дар пласт ба фазои ковокӣ онро адсорбсия карда ба баландшавӣ муқовимати полоиш оварда ба кинетикаи паҳн шудани обшоркуни қабати нафтии таъсир худро мерасонад.

**Ҷадвали 9** - Коэффитсиенти нафтронандагии оби пластӣ дар вобастагӣ аз консентратсияи иловагиҳо

| нафтронандагӣ | Консентратсия, % | Коэффитсиенти нафтронандагӣ | Зиёдшавӣ коэффитсиенти нафтронандагӣ |
|---|---|---|---|
| Обҳои қабатӣ | - | 0,48 | - |
| МЭА | 0,054 | 0,51 | 0,03 |
| | 0,1 | 0,53 | 0,05 |
| | 0,2 | 0,56 | 0,08 |
| | 0,5 | 0,61 | 0,13 |
| | 0,6 | 0,61 | 0,13 |
| | 1,0 | 0,60 | 0,12 |
| МЭА: ҚРР (1:0.5) | 0,054 | 0,53 | 0,05 |
| | 0,1 | 0,55 | 0,07 |
| | 0,2 | 0,58 | 0,10 |
| | 0,5 | 0,62 | 0,14 |
| | 0,6 | 0,62 | 0,14 |
| | 1,0 | 0,61 | 0,13 |
| МЭА:ҚРР (1:1) | 0,054 | 0,54 | 0,06 |
| | 0,1 | 0,58 | 0,07 |
| | 0,2 | 0,04 | 0,10 |
| | 0,5 | 0,63 | 0,15 |
| | 0,6 | 0,62 | 0,14 |
| | 1,0 | 0,62 | 0,14 |
| МЭА:ҚРР (1:2) | 0,054 | 0,55 | 0,07 |
| | 0,1 | 0,56 | 008 |
| | 0,2 | 0,60 | 0,12 |
| | 0,5 | 0,64 | 0,16 |
| | 0,6 | 0,63 | 0,15 |
| | 1,0 | 0,61 | 0,13 |
| МЭА:ҚРР (1:2,5) | 0,054 | 0,50 | 0,02 |
| | 0,1 | 0,53 | 0,05 |
| | 0,2 | 0,56 | 0,08 |
| | 0,5 | 0,58 | 0,10 |
| | 0,6 | 0,58 | 0,10 |
| | 1,0 | 0,58 | 0,10 |
| МЭА:ҚРР (1:3) | Бо сабаби ҳалшавандагии бад дар об таҷриба гузаронида нашуд | | |

**Самаранокӣ таркиби амалиёти комплексии ба пастшавии таҳшинҳои парафинӣ аз нафт ва таъсири он ба параметрҳои реологии нафт**

Татқиқоти санҷишӣ ингибиторҳои парафинтаҳшиншавӣ барои чоҳҳои нафтӣ Бештенгтоғ (парафин - 6-11%) ва Кичик-бел (парафин - 5-9.0% ва мум - 38-45.0%, маводҳои асфалтӣ –6.0-9.0%) ичро карда шудаст. Натиҷаиҳои таткиқотҳои озмоишӣ самаранокии ингибиторҳои парафинтаҳшиншавӣ дар ҷадвали 10 оварда шудааст.

Барои гузаронидани санҷишҳои озмоишӣ нафтҳои чоҳҳои Бештенгтоғ ва Кичик-Бел ва ингибиторҳои парафинтаҳшиншавӣ ХТ-48 (ИМА), СНПХ-7204,7214 (Руссия), ИХАН-1{40-50%ҚРР:МЭА (5:1) + 10-20% ОП-10 + 30-35% ФВТНБ} ва ИХАН -2 {50% ҚРР:МЭА (5:1) +15-20% Д:ИСБ (19:1) + 10-15% ОП-10 +20-30% ФВТНБ } истифода шуд.

Татқиқоти реологии эмулсияи обунафтӣ дар вискозиметри капиллярӣ гузаронида шудааст. Миқдори об дар эмулсия 28%-ро ташкил медиҳад. Татқиқотҳои таҷрибавӣ дар ҳудудҳои ҳарорати 10-40°С гузаронида шудааст. Вояи (дозаи) реагент 100-200 г/т мебошад.

Аз ҷадвали 10 бармеояд, ки ингибитори ИХАН-2 аз рӯи пешгирикуни мумупарафинтаҳшиншавӣ дар конҳои нафтӣ Бештенгтоғ ва Кичик-Бел бо ингибитори ХТ-48 рақобатнок мебошад.

**Ҷадвали 10** – Самаранокии ингибиторҳои парафинтаҳшиншавӣ аз рӯи пешгири таҳшишави парафин аз нафт

| Ҷоҳҳо | Ингибитор | Воямуаянкунӣ, % | Самаранокӣ, % |
|---|---|---|---|
| Бештенгтоғ | ХТ-48 | 0,01 (100 г/т) | 68,0 |
| | | 0,02 (200 г/т) | 68,9 |
| | СНПХ-7202 | 0,01 | 44,8 |
| | | 0,02 | 62,7 |
| | СНПХ-7204 | 0,01 | 55,8 |
| | | 0,02 | 66,5 |
| | ИХАН-1 | 0,01 | 56,0 |
| | | 0,02 | 67,2 |
| | ИХАН-2 | 0,01 | 58,2 |
| | | 0,02 | 74,4 |
| Кичик-Бел | СНПХ-7202 | 0,01 | 38,8 |
| | | 0,02 | 52,7 |
| | СНПХ-7204 | 0,01 | 44,3 |
| | | 0,02 | 55,5 |
| | ИХАН-1 | 0,01 | 45,0 |
| | | 0,02 | 67,3 |
| | ИХАН-2 | 0,01 | 68,5 |
| | | 0,02 | 74,5 |

**Ҷадвали 11** – Таъсири реагентҳо ба нишондиҳандаҳои реологиикони нафтӣ Бештенгтоғ

| Номгӯи реагентҳо | t ,$^0$C | Шиддати лағжиши ҳудудӣ $\varphi_o$, н/м$^2$ | Часпакии динамикӣ $\eta$, н с/м$^2$ |
|---|---|---|---|
| Эмулсияи нефти-28% | 10 | 6,4 | 0,943 |
| | 20 | 1,0 | 0,034 |
| | 30 | 0,8 | 0,024 |
| | 40 | 0,0 | 0,019 |
| ХТ-48, 50 г/т | 10 | 5,0 | 0,908 |
| | 20 | 0,7 | 0,026 |
| | 30 | 0 | 0,014 |
| | 40 | 0 | 0,012 |
| СНПХ-7202 100 г/т | 10 | 6,0 | 0,660 |
| | 20 | 0,8 | 0,030 |
| | 30 | 0 | 0,015 |
| | 40 | 0 | 0,012 |
| СНПХ-7202 100 г/т | 10 | 4,3 | 0,893 |
| | 20 | 0,8 | 0,027 |
| | 30 | 0,5 | 0,013 |
| | 40 | 0 | 0,012 |
| ИХАН- 1 100 г/т | 10 | 505 | 0,888 |
| | 20 | 0,8 | 0,032 |
| | 30 | 0,3 | 0,014 |
| | 40 | 0 | 0,012 |
| ИХАН- 2 100 г/т | 10 | 5,5 | 0,784 |
| | 20 | 0,8 | 0,032 |
| | 30 | 0,3 | 0,014 |
| | 40 | 0 | 0,012 |

Дар ҷадвали 11 тағирёби шидати лағжиши динамикии ҳудудӣ ва часпакии эмулсияи кони Бештенгтоғ аз таъсири реагентҳо ҳангоми вояи (дозаи) онҳо 100 г/т ва ҳарорат 10-40°С будан нишон дода шудаст.
